Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи "Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳким бахшидани самтҳои мухталифи ҳаёти иктисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ба даст даровардa мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, агар ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар муайян гардида бошад, ноил гардидан ба ин ҳадафи олӣ инчунин бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, таҷҳизоту барномаҳои таъминотии он ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқии ин объектҳо дар қаламрави кишвар дастрас шуда метавонад.

Истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарққунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ–техникӣ дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад.

Аз матни автореферати диссертатсия бармеояд, ки мавзуъ ба таври мантиқӣ ба муқаддима, 3 бобу 6 зербобҳо, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ, интишороти муаллиф дар мавзуи таҳқиқот

тақсим гардида, ҳар як боби минбаъда паҳлуҳои нави мавзуи илмиро таҳлилу баррасӣ менамояд.

Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёриву ҳуқуқии на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳо-сарчашмаҳои ҳуқуқи маданӣ, аз қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ фаровон истифода бурдааст. Дар заминаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун тавонистааст, ки ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи маданиро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Таҳлили моҳият ва мазмуни ҳуқуқии барномаи компютерӣ имконият фароҳам овард то моҳияти ҳуқуқии мавзуъ омӯхта шавад. Истифодаи усулҳои умумиилмиву усулҳои ҳуқуқи хусусӣ асос барои хулосаҳои илмӣ ва объективона гаштааст. Унвонҷӯ аз адабиёти илмии ҳуқуқӣ ба таври васеъ ва моҳирона истифода бурдааст, ки он заминаи ба таври муътамад барои анҷом додани таҳқиқоти илмии пурарзиш имконот фароҳам овардааст.

Болтуева Машҳурахон Ёқубовна навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва сода баён намуда, илман асоснок намудааст. Ҷиҳати фарққунандаи дисссертатсияи ҳимояшаванда дар он аст, ки аксарияти мафҳумҳо аз ҷониби унвонҷӯ муайян карда шуда, аз ҷониби муаллиф таъриф дода шудаанд. Аксарияти навгониҳои диссертатсия дар илми ҳуқуқи мадании Тоҷикистон нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҷиҳати мусбии кор дар он низ мушоҳида мешавад, ки ба як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории амалкунанда пешниҳодҳо иҷро шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ навгониҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки ҳамчун навгонӣ метавон онҳоро низ пешниҳод намуд. Инчунин дар диссертатсия якчанд масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад. Муқоисаи илмии амалияи кишварҳои гуногун дар матни автореферат

кам ба назар мерасад. Омӯзиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи дигар кишварҳо хизмат намояд.

Албатта, эродҳои мо баҳснок буда, ба арзиши баланди таҳқиқот таъсиргузор нестанд. Диссертатсияи илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, муаллифи он Болтуева Машҳурахон Ёқубовнаро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мешуморем.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.М. Диноршоҳ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Бохтар 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-02,
E-mail.:a.dinorshoh@msu.tj

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ
ва корҳои махсус С.М. Пирназаров

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
08.09.2023г